Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмии номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори департаменти қарздиҳии Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" Исмоилова Ш.Ш. ба диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) аз ҷумла: 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.11. Арзёбии пойгоҳи сармоявии бонк: арзёбии муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои инкишоф, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ, 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Имрӯзҳо устувории молиявии низоми бонкӣ ҳамчун хосияти умумии ифодакунандаи вазъи пойгоҳи молиявӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин мекунад, баррасӣ мешавад. Дар шароити таъсири хавфҳои молиявӣ, ки паёмади бухрони молиявии ҷаҳонӣ мебошанд ва ба норасоии назаррaси захираҳои молиявии аксари бонкҳои тиҷоратии

мамлакат боис шудаанд, таҳқиқ ва арзёбии устувории бонкҳо аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Дар паёмади бухрони молиявӣ якчанд бонкҳои тиҷоратӣ муфлис шуда, ба бонкҳои дигар хатари халалдор шудани устуворӣ таҳдид мекунад. Бинобар ин, имрӯз барои низоми бонкии мамлакат масъалаи нигоҳдорӣ ва таҳкими устувории низоми бонкӣ дар маҷмуъ ва фаъолияти унсури асосии он – бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст.

Имрӯз беш аз ҳамаи дигар марҳилаҳои ташаккул ва рушди худ, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корбурди стратегияи ягонаи рушд, ки ба низоми мутамаркази арзёбии нишондиҳандаҳои асосии вазъи молиявии бонкҳо мувофиқ бошад, инчунин ба методикаҳои аз ҷиҳати меъёрӣ таъминбудаи таҳлили устувории бонкҳои тиҷоратӣ ниёз дорад. Зеро таъмини устуворӣ яке аз вазифаҳои низоми идоракунии бонкӣ мебошад, ки ҳалли он бартараф намудани мушкилоти марбут ба арзёбии суботи молиявиро дар бар мегирад.

Вобаста ба ин, мавзуи дисертатсияи тақризшаванда, ки ба таҳқиқи таъмини устувории фаъолияти бонкҳо бахшида шудааст, мубрам буда, таҳқиқоти дахлдор дар ин самт барои илми иқтисодиёт, алалхусус самти фаъолияти бонкӣ муҳим мебошанд. Диссертатсияи илмӣ маҳз ба таҳқиқи ҳамин ҷиҳатҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ бахшида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳлил ва омӯзиши дисертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки муаллифи он дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррар кардани нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муваффақиятҳои илмӣ соҳиб гардидааст. Асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ба хотири ташкили низоми муносиби таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти ҳалли мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ ҷанбаҳои асосии ифодакунандаи навгонии илмии таҳқиқот мебошанд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, аз ҷумла чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд (саҳ. 8-10):

❖ дар рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии устувории бонкҳо, таъмини он ва мафҳуми «устувории бонкҳои тиҷоратӣ» аз тарафи муаллиф аниқ гардида, муносибати он ба мафҳуми суботи молиявӣ муайян карда шудааст. Ғайр аз ин ифшои мухтавои устувории молиявӣ ва суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба амал оварда шуда, аз нуқтаи назари

мизоҷон, соҳибмулкон ва бонки танзимкунанда зарурати баррасии устувории молиявӣ собит гардидааст;

❖дар натиҷаи таҳқиқот омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва тасниф гардида, инчунин дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ ва таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд. Муайян карда шудааст, ки кам шудани пасандозҳо ва паст гардидани қобилияти харидории аҳолӣ ба норасоии захираҳои молиявии бонкҳо сабаб мегардад. Инчунин аз тарафи муаллиф тавсия дода мешавад, ки сарфи назар аз афзоиши хароҷотҳои фоизӣ барои ташаккули пойгоҳи захиравӣ пасандозҳо зиёд карда шаванд;

❖дар асоси таҳлилиҳои гузаронидашуда раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратии мамлакат муайян гардида, дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ хавфҳои низоми бонкӣ ва мушкилотҳои ҷойдошта дар самти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи диссертант муайян ва арзёбӣ карда шудааст. Ғайр аз ин тасдиқ карда шудааст,  ки истифодаи амалиётҳо ва хизматрасониҳои гуногун барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани даромаднокӣ ва ҷалби мизоҷон дар бонкҳои тиҷоратӣ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад;

❖дар диссертатсия вазъи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ ва гуруҳбандӣ гардида, самаранокӣ ва кифоягии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шудааст. Муаллиф тавсия медиҳад, ки барои таҳлили босифату саҳеҳ ва ошкор кардани самтҳои афзалиятноки баландбардории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ усулҳои ҳамҷояи коэффитсиентӣ ва рейтингӣ истифода карда шавад;

❖аз тарафи муҳаққиқ самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир муайян карда шудааст. Инчунин тавсия карда мешавад, ки ба хотири таъмини устувории молиявӣ амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ такмил дода шавад. Ғайр аз ин муаллиф чунин тавсия медиҳад, ки барои рушди иқтисодиёти мамлакат ҳиссаи бештари пасандозҳо барои дар минбаъда тақсимкунии захираҳои молиявии бонкҳо, зиёд кардани сармояи бонкҳо ҷалб карда шаванд;

❖дар диссертатсияи тақризшаванда аз тарафи муаллиф нишондиҳандаҳои муҳими тавсифкунандаи устувории молиявӣ – пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, идоракунии муносиби онҳо ва инчунин

самтҳои таҳкими устувории молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» дар асоси таҳлилҳо муайян гардида, пешниҳод карда шудааст, ки дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар идоракунии дороиҳо дар асоси пардохтпазирӣ бонки мазкур бояд ба таҷрибаи ҷаҳонии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҷрибаи худӣ ва тавсияҳои БМТ такя намояд;

- дар рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ таҳлили вазъ ва пӯёи пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ чун манбаи муҳими бартараф кардани норасоии захираҳои молиявии низоми бонкӣ гузаронида шудааст. Инчунин муайян карда шудааст, ки барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ сиёсати маркетингӣ омили муҳим ба ҳисоб рафта, барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо истифодаи ин сиёсат пешниҳодҳо тавсия карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 191 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, 16 расм, 26 ҷадвал, 26 формула ва рӯйхати адабиёти дорои 162 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст. Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, тавсифи асосии диссертатсия пешниҳод карда шудааст.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ**» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, масъалаҳои асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ, омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ арзёбӣ ва мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Ақидаҳои илмӣ оид ба мафҳуми «устувории бонки тиҷоратӣ», аз якчанд нуқтаи назари олимону муҳақиқон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, (саҳ. 16, 17) аз тарафи муаллиф низ муайян ва пешниҳод карда шудааст. Бояд қайд кард, ки ақидаи муаллиф дар бораи мафҳуми устувории бонки тиҷоратӣ аз ҷиҳати илмӣ ҷолиб аст. Вобаста ба ин, ӯ чунин зикр мекунад: устуворӣ дар робита бо эътимоднокӣ аҳамияти афзалиятнок дошта, ба субот асос меёбад: бонки устувор боэътимод аст, вале бонки боэътимод ҳамеша устувор нест; устуворӣ суботи нишондиҳандаҳоро дар назар надорад, бонки устувор на танҳо аломатҳои худро дар тахти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ нигоҳ

медорад, балки ба хосиятҳои наве ноил мегардад, ки рушди онро таъмин мекунанд (саҳ. 18, расми 1.1.1.).

Ғайр аз ин аз тарафи муаллиф намудҳои устувории бонки тиҷоратӣ (саҳ. 20, ҷадвали 1.1.1.) муайян гардида, баррасии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар алоқамандии се сатҳи асосӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ. 24). Инчунин дар зербоби 1.1. равиши субъективӣ ба тафсири мафҳуми «устувории молиявии бонки тиҷоратӣ» (саҳ. 25), хосиятҳои асосии ҷудокунии аломатҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ (саҳ. 26), аломатҳои устувории молиявии бонки тиҷоратӣ аз тарафи муҳаққиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин асно муаллиф аломатҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро аз руйи 2 хосияти асосӣ ҷудо менамояд (расми 1.1.3).

Дар зербоби 1.2. оварда шудааст, ки низоми ягонаи нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва механизмҳои назорат, ки аз ҷониби БМТ муқаррар карда шудааст, наметавонад идоракунии бонки тиҷоратиро иваз ва бехатарии фаъолияти худи бонкро таъмин кунад (саҳ. 28). Таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ имрӯз барои тамоми низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас дошта, ошкор кардани омилҳои ба он таъсиррасон вазифаи аввалиндараҷаи низоми идоракунии молиявии ҳар як бонки тиҷоратӣ мебошад. Ҳалли ин мушкилот тавассути бунёди механизми муассири таъмини устувории бонки тиҷоратӣ ба даст меояд (саҳ. 29). Аз тарафи муаллиф дуруст қайд карда шудааст, ки сиёсати макропруденсиалӣ мавқеи мобайниро дар байни сиёсати пулию қарзии (монетарии) мақоми ваколатдори танзим ва идоракунии низоми бонкӣ, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои макроиқтисодии мамлакат равона гардидааст, ишғол менамояд. Инчунин қайд карда шудааст, ки низоми муосири бонкии мамлакат дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ба пайдо шудани хусусиятҳои хоси таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид (саҳ. 45). Дар ин зербоб ба маврид оварда шудааст, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои таъмини намудҳои фаъоли амалиёти худ бояд маблағи муайяни пул ва дороиҳои моддиро ихтиёрдорӣ кунад. Маҳз ана ҳамин унсурҳо захираҳои молиявии бонки тиҷоратиро ташкил медиҳанд (саҳ. 46). Ғайр аз ин диссертант зикр менамояд, ки буҳрони бонкии солҳои 2014-2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки паёмадҳои буҳрони молиявӣ на танҳо ба устувории молиявӣ, инчунин ба раванди қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонида, суръатҳои афзоиш ва ҳаҷмҳои қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро паст

мекунанд, ки ин яке аз зуҳуроти ҷиддии норасоии захираҳои молиявии онҳо мебошад.

Ҳангоми омӯзиш муайян карда шудааст, ки дар сохтори умумии амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соли 2014 ҳиссаи амонатҳо бо пули миллӣ 34,8% ва амонатҳо бо асъори хориҷӣ – 65,2% ташкил додааст, вале дар соли 2023 ин таносуб ба андозаи муҳим дигар шудааст: ҳиссаи амонатҳо бо пули миллӣ – 55,5% ва ҳиссаи амонатҳо бо асъори хориҷӣ – 44,5% аст. Инчунин дар сохтори бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шуруъ аз соли 2019 ҳиссаи нисбатан баланди пасандозҳо бо асъори миллӣ (51,4%) мушоҳида мешавад ва ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2020-2023 хусусияти устувори муътадил дорад: соли 2020 – 55,8%, соли 2021 – 55,5%, соли 2022 – 55,7%, соли 2023 – 55,5% (саҳ. 57).

Боби 2-юми диссертатсия «**Таҳлили устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ**» ба таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ва арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ бахшида шудааст. Дар зербоби 2.1. қайд карда шудааст, ки буҳрони молиявӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таъсир нарасонид, зеро дар замони сар задан ва авҷи он сармояи бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар бозорҳои молиявии мамлакатҳои ба буҳрон гирифторшуда додугирифт намешуд ва ҳамчунин сармояи бонкҳои мамлакатҳои мазкур дар низоми бонкии мамлакати мо иштирок надошт (саҳ.62). Инчунин аз тарафи муҳаққиқ муайян карда шудааст, ки ҳаҷми умумии қарздиҳии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ) ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар соли 2014 – 8443 млн. сомониро ташкил медод, дар соли 2018 то ба 4646 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, вале минбаъд ин нишондиҳанда тамоюл ба рушд нишон дода, дар соли 2020 ба 7390 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 ба 18991 млн. сомонӣ расидааст (саҳ.65).

Дар ин зербоб масъалаҳои пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, сохтори ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дороиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2014, пӯёи қарзҳои бонкӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар солҳои 2009-2014, нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо (ROA) ва сармоя (ROE), пӯёи нишондиҳандаҳои

кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо, пӯёи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирии низоми бонкӣ аз тарафи муҳаққиқ хеле саҳеҳ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ.66-76).

Аз тарафи муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муйян карда шудааст, ки нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо, ки дар соли 2014 қимати манфии (-2,5%) дошт, аз соли 2017 баланд шуда, дар соли 2022 ба 5,9% расидааст, вале дар охири соли 2023 бузургии он 3,7%-ро ташкил додааст. Инчунин муаллиф қайд месозад, ки меъёри маҳдуд кардани қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ ҷорӣ намудани маҳдудиятро дар ҳадди ниҳойии ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ пешниҳодшаванда (махсусан қарзҳои кӯтоҳмуҳлат) нишон медиҳад ва ба хотири ноил гаштан ба ҳадафҳои фосилавӣ, дар раванди таҳлилҳо нишондиҳандаҳои зерин метавонанд ба кор бурда шаванд: рушди ҳақиқии ММД; сатҳи бекорӣ; дороиҳо нисбат ба ММД; қарзҳо нисбат ба ММД; ҳиссаи дороиҳои ғайрифаъол дар маҷмуи умумии дороиҳо; меъёри кифоятии сармоя; меъёри пардохтпазирӣ; меъёри қарз нисбат ба пасандоз; даромаднокии сармоя; даромаднокии дороиҳо; меъёри фоизи бонкӣ; фишанг (левериҷ)-и молиявӣ; осебпазирӣ ҳангоми паҳншавии хавф; намояи Серфиндал-Сиршман аз рӯи дороиҳо, қарзҳо ва пасандозҳо (саҳ.86-88).

Муаллиф ба маврид қайд месозад, ки дар охири соли 2014 шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (унсурҳои низоми бонкӣ) дар мамлакат 139 адад буд, ки ин шумора дар соли 2023 ба 64 адад расидааст (75 адад кам шудааст). Аз ҷумла шумораи бонкҳо, ки дар охири соли 2017 17 ададро ташкил медод, дар охири соли 2023 ба 15 адад (14 бонкҳои анъанавӣ ва 1 бонки исломӣ) расидааст (камшавӣ – 2 адад). Шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 120 адад дар соли 2014 то ба 47 адад дар соли 2023 расидааст (73 адад кам шудааст) (саҳ.91). Дар ин муҳаққиқ хулоса менамояд, ки дар паёмади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва коҳиши самаранокии бонкҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ танҳо аз ҳисоби табдили сифати менеҷмент ва интихоби дурусти маҳакҳои арзёбии самаранокии фаъолияти унсурҳои низоми бонкӣ ва устувории молиявии онҳо таъсири мусбат расонидан мумкин аст.

Масъалаҳои маҷмуи зиёди методикаҳои хориҷии таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, нишондиҳандаҳои дохилии бонки тиҷоратӣ, кифоятии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути амалиёти фаъоли бонкӣ, нишондиҳандаҳои асосии уҳдадориҳо ва сармояи худии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ, маблағҳои аз шахсони ҳуқуқӣ ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ дар таркиби пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ (тайи

солҳои 2020-2023), сохтори пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми қоғазҳои қиматноки баровардашудаи баъзе аз бонкҳои тиҷоратӣ дар зербоби 2.3. бо нишондодҳои аниқи оморӣ бо ҷадвалу расмҳо асоснокшуда аз тарафи муҳаққиқ таҳлилу арзёбӣ карда шудааст (саҳ.95-101). Дар ин зербоб муҳақиқ дуруст қайд месозад, ки дар қатори захираҳои пасандозӣ барои ба роҳ мондани амалиёти фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ сармояи худӣ низ муҳим аст (саҳ.102) ва методикаи дар амалияи БМТ истифодашаванда, ки барои муайян кардани сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ба Дастурамалҳои №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», №215 «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо», №240 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ», №244 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» такя карда шавад (саҳ.103).

Дар боби 3-юми диссертатсия **«Самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ»** масъалаҳои такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ ва истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ, таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла дар зербоби 3.1. ба маврид қайд карда шудааст, ки фаъолияти муътадили низоми бонкӣ барои таъмини рушди босамари дигар бахшҳои иқтисодиёт ва умуман рушди иқтисодӣ зарур аст (саҳ. 116) ва дар шароити муосир яке аз вазифаҳои асосии давлат таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратии алоҳида мебошад, ки тавассути воситаҳои гуногуни танзимкунии макропруденсиалӣ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори танзим ва назорати давлатии низоми бонкии мамлакат (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – БМТ) амалӣ карда мешавад (саҳ. 117). Инчунин нуқтаи муҳими дигар қайдгардида ин ягонагии се ҷанбаи бо ҳам пайвастаи танзим, идоракунӣ ва таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, роҳҳои танзим ва назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби БМТ, амсиласозии рафтори низомҳои бонкӣ, пешниҳоди созишномаи Базел III ба ҳисоб мераванд (саҳ. 117-123).

Муаллиф пойгоҳи сармоявии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи пӯёи сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ

таҳлил намудааст (саҳ. 124, расми 3.1.1.). Ғайр аз ин сохтори манбаъҳои ташаккули сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ, суръати афзоиши унсурҳои алоҳидаи сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (саҳ.126-129) низ таҳлилу баррасӣ карда шудаанд. Муаллиф барои такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таъмин намудани чунин ҷиҳатҳои фаъолият дар низоми бонкӣ зарур медонад: такмили пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ ба хотири густариши намудҳои нави фаъолият бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ; тавсеаи амалиёти фаъоли низоми бонкӣ бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ; ҷорӣ намудани усулҳо ва таъмини сифати баланди идоракунии корпоративии бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва корбурди ҳамаҷонибаи стандартҳои байналмилалӣ (Созишномаи Базел III) барои ҳисобкунии меъёрҳои кифоятии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ (саҳ.130).

Дар зербоби 3.2. нишондиҳандаҳои асосии арзёбии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, таҳлили сифати дороиҳо марҳилаи аввалии арзёбии фаъолият, маҳакҳои арзёбии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, таркиб ва пӯёи дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата», гурӯҳбандии дороиҳои бонк вобаста аз дараҷаи бозоргирӣ, суръати афзоиши пешпардохт ва маблағҳо, манбаъҳои сармояи танзимшавандаи ҶСК «Бонки Эсхата» бо нишондоди ҷадвалу маълумотҳои аниқу дақиқи оморӣ аз тарафи диссертатнт таҳлилу арзёбӣ карда шудааст(саҳ.132-141). Муаллиф дар зербоби 3.3. дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои маркетингӣ, раванди таҳқиқи бозор дар доираи амалисозии чорабиниҳои маркетингӣ, пӯёи пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, бақияи пулҳои нақди дар муомилот қарордошта, пӯёи меъёри фоизи пасандозҳои мухлатноки ҷалбшудаи бонкҳои тиҷоратӣ ва пӯёи меъёри фоизи қарзҳои бонкиро илман мавриди таҳлилу баррасӣ бо ҷадвалу диаграммаҳо асоснокшуда таҳқиқ намудааст (саҳ.150-156).

Муаллиф ба маврид қайд месозад, ки имрӯзҳо дар низоми бонкии мамлакат фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ оид ба ҷалби амонатҳо ва пасандозҳои аҳолӣ бошиддат пеш меравад, дар бозор бонкҳои зиёд ба мизоҷон ҷиҳати гузоштани амонатҳо ва кушодани ҳисобҳои пасандозӣ шароити гуногунро пешниҳод мекунанд (саҳ.154). Номбурда инчунин зикр менамояд, ки дар таҷрибаи хориҷии фаъолияти бонкӣ корбурди низоми маркетинги ҳамгиро мушоҳида мешавад, ки ҳадафи он на танҳо ҷалби пасандозгузорон, балки инчунин доимо беҳгардонии сифати хизматрасонӣ ва муносибатҳои некбинона бо онҳо мебошад ва дар шароити муосири низоми бонкии мамлакат онро

метавон барои беҳгардонии раванди ҷалби захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии онҳо истифода бурда шаванд (саҳ.162).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсияи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири илмӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат менамояд. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада бо матни диссертатсия ҳаммаъно буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти рисолаи илмиро фаро мегиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тахкиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ шудааст. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявии он дар таҳкими равандҳои таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман низоми бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ истифода гардад. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқотро дар самти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, шароити норасоии захираҳои молиявӣ, ки таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокии бонки тиҷоратиро фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои таҳияшуда оид ба такмили методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ифода меёбад, Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки идоракунӣ ва воситаҳои методии пешниҳодшуда оид ба таҳкими

устувории молиявии бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян ва таҳким дода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳкими равандҳои таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мусбӣ расонида, имкон медиҳад, ки дар шароити ноустувори молиявӣ бо роҳу воситаҳои гуногун аз қабили ҷалби пасандозҳои аҳолӣ, зиёд намудани сармояи худӣ, истифодаи таҷрибаи фаъоли дохилӣ ва хориҷии фаъолияти бонкҳо таъмини устувории молиявии хешро таъмин созанд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот.** Навгониҳои дар диссертатсия оварда шуда, хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар мегиранд. Муқарраротҳои дар диссертатсия натиҷагирӣ ёфта, бештар ба ба устуворгардонии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ  нигаронида шудааст. Инчунин он тадбирҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсияи илмӣ оварда шудаанд дар шароити ноустувори захираҳои молиявӣ ба устувор гардидани вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолахои нашрнамудаи муаллиф таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, дар доираи мавзуи таҳқиқгардида аз тарафи муаллиф 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,0 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) ва аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, метавонанд дар такмили минбаъдаи таъмини устувории фаъолияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумата Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад. Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Дар автореферати диссертатсия мазмуни асосӣ, муҳтавои кор, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот натиҷагирӣ гардидаанд. Мазмуну мудтавои автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва нуктаҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари бартариҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки вобаста ба онҳо баъзе эродҳоро ба довталаби дараҷаи илмӣ пешниҳод менамоем:

1. Дар зербоби 1.1. рисолаи илмӣ ақидаҳои гуногуни олимони хориҷию ватанӣ оварда шудаанд, аммо ақидаи мунақидонаи муаллиф вобаста ба масъалаи баррасишаванда камтар ба назар мерасад;

2. Маълумотҳои ҷадвалҳои 2.1.2 ва 2.1.3. ки ба ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пӯёи қарзҳои бонкӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ оварда шудаанд солҳои 2009-2014 инъикос месозанд, ки куҳнашуда мебошанд. Диссертант ҳадди аққал бояд дар рисолаи хеш маълумотҳои 5 соли охирро мебояд мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медод;

3. Аз ҷониби муҳаққиқ агар ба таври алоҳида тамоюли ҳиссаи бонкҳо дар маҷмӯи умумии нишондиҳандаҳо таҳлил ва дар диссертатсия дарҷ мегардид, сифати кор беҳтар мегашт;

4. Зербоби 2.1.-и диссертатсия дар масъалаи таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкӣ бахшида шудааст. Агар муҳаққиқ ҳангоми таҳлил ба таҳқиқи якчанд бонкҳои бузурге, ки аз қабили ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк» ва дигар бонкҳое, ки дар ин давра бо таъсири паёмадҳои шароити буҳронӣ муфлис шуданду ба рушди низоми бонкӣ таъсири бевоситаи худро расониданд, диққаташро равона мекард, сифати кор боз ҳам хубтар мешуд;

5. Мавзуъи таҳқиқоти хеле фаррох мебошад ва дар оянда ба муаллиф зарур аст, объекти таҳқиқотро васеътар намояд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сифат ва арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро коста намегардонад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия,

муомилоти пул ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, он таҳқиқоти илмии ба итмомрасида мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмиддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» ба ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**муовини директори департаменти қарздиҳии**
**Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"** **Исмоилова Ш.Ш.**

Имзои Исмоилова Ш.Ш.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Идораи кормандони**
**Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"** **Фаррухзода С.**

20.02.2025

Идораи кормандон
Управление кадров

734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 105,
тел:+992918625005, почтаи электронӣ: shakhnoz.ismailova@mail.ru